## Шарҳи моҳонаи таваррум • СЕНТЯБР 2024

**Сатҳи таваррум[1] дар моҳи сентябри соли 2024 0,4 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин моҳи соли гузашта 0,3 банди фоизӣ (б.ф.) кам мебошад.**

### Таваррумӣ хӯроквори

Дар сохтори таваррумӣ моҳона нархи маҳсулоти хӯроквори бинобар таъсири омилҳои мавсимӣ ва берунӣ ба андозаи 0,5 фоиз (саҳм дар таваррум 0,2 б.ф.) раванди болоравиро касб намуд. Афзоишёбии мазкур асосан аз ҳисоби қиматшавии нархи бодиринг 8,1 фоиз, тухм 6,2 фоиз, помидор 5,1 фоиз, гӯшти гов 3,0 фоиз, равғани пахта 2,6 фоиз ва гӯшти гӯсфанд 2,1 фоиз ба вуқӯъ пайваст.

Ҳамзамон, дар моҳи баррасишаванда поёнравии нархи ангур 14,7 фоиз, нок 4,6 фоиз, лиму 3,8 фоиз, сабзӣ 3,1 фоиз, орди навъи якум 1,3 фоиз ва ғайра ба қайд гирифта шуд.

### Таваррумӣ ғайрихӯроквори

Дар сохтори таваррумӣ моҳона нархи молҳои ғайрихӯроквори 0,5 фоиз раванди болоравӣ доштанд (саҳм дар таваррум 0,2 б.ф.), ки асосан аз ҳисоби қиматшавии нархи маводи нассоҷӣ 2,9 фоиз ва молҳои маишӣ 1,3 фоиз ба амад омад.

### Таваррумӣ хизматрасонӣ

Арзиши хизматрасониҳои пулӣ, ки ба аҳолӣ расонида мешавад, дар ин моҳ -0,1 фоиз (бо саҳми ночиз) тамоюли коҳишёбӣ дошт. Раванди мазкур бештар дар натиҷаи поёнравии нархи хизматрасонии газ 2,9 фоиз (гази моеъ 3,0 фоиз) ва нақлиёт 0,8 фоиз ба амал омад.

**Таваррумӣ солона бошад, дар моҳи сентябри соли 2024 ба 3,1 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин моҳи соли гузашта 2,0 б.ф. кам мебошад.**

Дар моҳи сентябри соли ҷорӣ сатҳи таваррумӣ солона дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа,

**Таваррумӣ моҳона ва солона (бо фоиз)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Сохтори таваррумӣ солона (аз рӯи саҳм, моҳи сентябр, бо фоиз)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Тағйирёбии сатҳи таваррум ва таваррумӣ аслӣ (солона, бо фоиз)** (манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



аз ҷумла Туркия 49,4 фоиз, Ӯзбекистон 10,5 фоиз, Россия 8,6 фоиз, Қазоқистон 8,3 фоиз, Беларус 6,0 фоиз, Арманистон 0,6 фоиз ва Гурҷистон 0,6 фоизро ташкил намуд.

Сатҳи таварруми аслӣ, ки қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи сентябри соли равон бетағйир буда, бо арзёбии солона бошад, ба 1,8 фоиз баробар гардид.

**Бонки миллии Тоҷикистон татбиқи сиёсати пулию қарзиро ҷиҳати коҳиш додани таъсири омилҳои монетарӣ ба сатҳи таваррум бо истифода аз фишангҳои монетарӣ идома хоҳад дод.**

**Сатҳи таваррум дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа (бо фоиз)** (манбаъ: Мақомоти омори давлатҳо)

| **Кишварҳо** | **Таварруми моҳона (сентябри с.2024)** | **Таварруми январ-сентябри с.2024** | **Таварруми солона (сентябри с.2024)** |
|---|---|---|---|
| Туркия | 3,0 | 35,8 | 49,4 |
| Ӯзбекистон | 1,2 | 6,8 | 10,5 |
| Россия | 0,5 | 5,8 | 8,6 |
| Қазоқистон | 0,4 | 5,8 | 8,3 |
| Беларус | 0,4 | 3,7 | 6,0 |
| **Тоҷикистон** | **0,4** | **3,0** | **3,1** |
| Гурҷистон | 0,3 | -0,3 | 0,6 |
| Арманистон | 0,2 | -1,0 | 0,6 |

[1] - тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Намояи нархҳои истеъмолӣ (таварруми солона бо фоиз)***

| | Вазн,% | 2023 | | | | | 2024 | | | | | | | | | Сентябр, тағйирёбии моҳона |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Январ | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Январ | Феврал | Март | Апрел | Май | Июн | Июл | Авг | Сентябр | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100,0** | **4,3** | **3,6** | **2,4** | **5,1** | **3,8** | **3,8** | **3,6** | **3,6** | **3,4** | **3,6** | **3,5** | **3,4** | **3,6** | **3,1** | **0,4** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **48,9** | **5,3** | **4,3** | **1,1** | **5,8** | **3,4** | **2,9** | **2,5** | **1,8** | **1,5** | **2,2** | **1,5** | **1,1** | **1,0** | **0,6** | **0,5** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 11,9 | 2,5 | -2,6 | -8,7 | 2,3 | 6,4 | 7,9 | 8,3 | 7,6 | 9,6 | 9,7 | 6,0 | 6,5 | 5,7 | -0,1 | -0,6 |
| Биринҷ | 2,1 | 15,9 | 21,6 | 54,1 | 54,8 | 45,3 | 38,0 | 40,0 | 36,6 | 35,7 | 24,2 | 8,8 | 6,1 | 5,8 | 6,2 | 0,5 |
| Орд | 4,9 | -4,8 | -12,6 | -30,1 | -14,8 | -7,3 | -1,5 | -1,3 | -2,2 | 0,2 | 6,0 | 6,8 | 10,4 | 8,7 | -5,5 | -1,3 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 6,8 | 0,0 | -0,2 | 5,3 | 6,8 | 3,8 | 3,2 | 3,6 | 6,0 | 7,1 | 6,3 | 7,1 | 9,4 | 10,5 | 12,5 | 1,9 |
| Гӯшти гов | 2,4 | -3,6 | -2,5 | 6,5 | 9,3 | 5,7 | 4,9 | 6,4 | 9,0 | 10,9 | 10,1 | 11,2 | 14,5 | 17,6 | 20,1 | 3,0 |
| Тухм | 1,3 | 48,3 | 40,4 | 19,6 | 0,3 | -30,6 | -25,8 | -19,5 | -21,9 | -33,1 | -36,0 | -26,9 | -21,2 | -11,1 | -9,2 | 6,2 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 2,7 | 28,8 | 14,7 | 8,6 | 5,2 | 2,2 | 6,4 | 6,8 | 6,3 | 6,2 | 7,1 | 7,9 | 10,1 | 10,3 | 10,0 | 0,0 |
| Шир | 0,9 | 23,2 | 18,5 | 8,9 | 6,7 | 3,5 | 0,8 | 1,5 | 0,1 | -1,6 | 1,1 | 4,0 | 5,8 | 9,5 | 13,0 | 3,4 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 3,2 | -11,3 | -11,2 | -28,9 | -22,7 | -24,5 | -21,9 | -21,7 | -21,7 | -17,3 | -9,3 | -3,3 | 0,5 | -0,1 | 0,1 | 1,6 |
| Меваҷот | 3,3 | -5,8 | 1,5 | 13,9 | 28,8 | 33,1 | 34,0 | 35,0 | 28,2 | 25,5 | 21,3 | 23,1 | 8,6 | -0,6 | 0,3 | -1,6 |
| Сабзавот | 7,3 | 14,8 | 23,1 | 17,1 | 18,1 | 0,0 | -5,5 | -11,6 | -13,8 | -14,9 | -9,5 | -13,4 | -16,0 | -15,5 | -11,9 | 1,5 |
| Шакар | 1,6 | 2,0 | -9,1 | 8,3 | 18,2 | 27,6 | 29,9 | 32,8 | 32,9 | 24,4 | 6,1 | -0,8 | 0,9 | -0,3 | -1,4 | -0,6 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 2,2 | 13,4 | 13,1 | 10,9 | -5,2 | -3,8 | -11,6 | -10,1 | -8,1 | -8,1 | -7,8 | -8,2 | -8,8 | -0,5 | -0,5 | 0,0 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,0** | **6,0** | **6,7** | **6,5** | **2,7** | **5,7** | **10,4** | **9,7** | **9,0** | **7,4** | **7,4** | **6,3** | **5,8** | **5,8** | **6,3** | **0,4** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **2,5** | **2,8** | **1,5** | **0,5** | **0,8** | **2,0** | **2,0** | **3,0** | **3,0** | **3,0** | **3,9** | **4,5** | **5,8** | **5,9** | **5,7** | **0,0** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **31,8** | **4,1** | **3,5** | **4,5** | **6,0** | **6,6** | **5,8** | **5,8** | **6,0** | **5,6** | **4,9** | **5,3** | **5,3** | **4,8** | **5,5** | **0,5** |
| Либос ва пойафзол | 9,6 | 4,1 | 4,3 | 5,5 | 7,3 | 6,0 | 5,4 | 5,2 | 5,1 | 4,7 | 4,3 | 4,1 | 3,9 | 2,1 | 1,8 | 0,0 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 1,1 | 4,2 | 2,9 | 5,8 | 5,4 | 5,5 | 4,8 | 4,6 | 7,4 | 6,4 | 4,8 | 4,6 | 4,2 | 3,9 | 4,0 | 0,2 |
| Моводи шустушӯй | 0,4 | 24,9 | 24,2 | 14,7 | 4,6 | -1,5 | -3,2 | -1,7 | -1,3 | -1,5 | -0,8 | -1,1 | -1,6 | 2,6 | 2,6 | 0,1 |
| Доруворӣ | 1,5 | 7,0 | 5,1 | 11,5 | 9,4 | 13,2 | 12,5 | 12,4 | 11,8 | 10,0 | 7,1 | 9,6 | 9,6 | 9,4 | 10,5 | 0,2 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 4,3 | -25,1 | -26,9 | -19,2 | -2,9 | 19,5 | 22,9 | 23,1 | 23,6 | 24,2 | 18,2 | 12,8 | 21,0 | 15,5 | 6,5 | -1,3 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 0,2 | 3,1 | 1,1 | -0,9 | -0,8 | 8,3 | 10,2 | 10,4 | 12,5 | 13,5 | 16,7 | 15,1 | 17,0 | 17,0 | 17,0 | 0,0 |
| Васоити нақлиёт | 0,6 | 0,1 | 0,1 | 0,7 | 13,2 | 12,7 | 12,6 | 12,7 | 12,7 | 12,7 | 12,7 | 12,1 | 0,2 | -0,8 | -0,8 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,7 | 5,3 | 4,8 | 3,7 | 3,5 | 2,5 | 2,4 | 2,3 | 3,4 | 3,4 | 4,3 | 4,3 | 4,3 | 2,7 | 2,6 | 0,2 |
| **Хизматрасониҳо** | **19,3** | **1,9** | **2,1** | **2,7** | **3,6** | **1,2** | **3,0** | **3,2** | **4,6** | **4,8** | **4,9** | **5,6** | **6,0** | **5,9** | **5,4** | **-0,1** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 4,5 | 3,2 | 4,3 | 7,5 | 9,1 | 1,7 | 9,2 | 9,2 | 9,6 | 9,6 | 9,3 | 8,7 | 10,0 | 9,5 | 8,5 | -0,2 |
| Иҷорапулии манзил | 0,6 | 8,0 | 3,2 | 3,2 | 2,7 | 1,2 | 1,7 | 2,2 | 2,2 | 2,3 | 3,3 | 3,3 | 3,3 | 3,5 | 3,5 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 1,0 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,7 | 1,1 | 1,1 | 1,1 | 1,1 | 1,1 | 1,1 | 1,1 | 1,4 | 0,3 |
| Қувваи барқ | 1,9 | 17,3 | 17,3 | 17,7 | 17,7 | 0,3 | 14,8 | 14,8 | 14,8 | 14,8 | 14,5 | 14,5 | 14,3 | 14,3 | 14,3 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,2 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 0,5 | -46,8 | -42,2 | -34,6 | -4,4 | 27,0 | 58,9 | 55,1 | 55,5 | 59,6 | 53,2 | 44,0 | 74,8 | 37,2 | 17,4 | -2,9 |
| Нақлиёт | 2,0 | 0,5 | -0,2 | -1,8 | -3,2 | -4,2 | -5,2 | -3,6 | -2,1 | -1,5 | -0,2 | 0,3 | 0,8 | 2,6 | 2,0 | -0,8 |
| Алоқа | 0,6 | 0,2 | 0,1 | 0,1 | 0,0 | 0,0 | -1,4 | -1,4 | -1,4 | -1,3 | -1,3 | -1,3 | -1,3 | -1,3 | -1,3 | 0,0 |
| Маориф | 1,5 | 1,4 | 1,3 | 1,2 | 3,6 | 3,1 | 3,6 | 3,6 | 3,6 | 3,6 | 3,6 | 3,6 | 3,6 | 3,6 | 1,7 | 0,4 |
| Тандурустӣ | 2,6 | 1,9 | 1,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 3,5 | 3,7 | 3,7 | 3,7 | 3,7 | 3,7 | 3,8 | 2,8 | 2,8 | 0,0 |
| Маишӣ | 5,4 | 3,9 | 3,9 | 3,5 | 4,3 | 4,8 | 6,4 | 6,3 | 6,6 | 6,8 | 7,0 | 9,9 | 9,7 | 9,5 | 8,9 | 0,0 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо